# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ДАКТИЛОСКОПӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1999, №9, мод.234; с.2010, №12, қ.1, мод.809;
Қонуни ҶТ аз 27. 11.2014 с., № 1143)

**Моддаи 1. Мақсадҳои қонун**

Бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зайл ҷорӣ карда мешавад:

- тасдиқ кардани шахсияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Точикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доими истиқомат мекунанд ва ё паннохгоҳ, меҷӯянд;
- *муқаррар намудани шахсияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки бо сабаби вазъи саломати ва ё синну сол дар бораи шахсияти худ маълумот дода наметавонанд;*
- кофтукови шаҳрвандоне, ки бе ному нишон гум шудаанд;
- *муқаррар намудани шахсияти ҷасадҳои номаълум.* **(ҚҶТ аз 29.12.10с., №647)**

**Моддаи 2. Мафҳум ва намудҳои бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ**

Бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ яке аз шаклҳои тасдиқ кардани шахсияти инсон бо ёрии маълумот дар бораи расми нақши папилярии ангуштони даст, танзим, нигаҳдорӣ ва истифодабарӣ бо мақсадҳое мебошад, ки Қонуни мазкур муайян намудааст.

Тарзи қабули маълумоти нишондодашуда набояд, ки хавфе барои ҳает ва саломатии инсон бошад, ору номус ва шаъну эътибори ӯро паст кунад.

Дар ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, амалҳои зерин гузаронида мешавад:

а) бақайдгирии давлатии дактилоскопии ихтиёрӣ;

б) бақайдгирии давлатии дактилоскопии ҳатмӣ.

**Моддаи 3. Принсипҳои ба амал баровардани бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ**

Бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ мувофиқи принсипҳои қонуният, инсондустӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, махфият, ихтиёрӣ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бирай бакайдгирии давлатии дактилоскопӣ**

*Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистои асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Точикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.* **(ҚҶТ аз 29.12.10с., №647)**

**Моддаи 5. Бақайдгирии давлатии дактилоскопии ихтиёрӣ**

Бақайдгирии давлатии дактилоскопии ихтиёрӣ ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бе маҳдудияти синну сол бо изҳори ризоияти шаҳрвандон ё ки намояндагони қонунии онҳо гузаронида мешавад.

**Моддаи 6. Бақайдгирии давлатии дактилоскопии ҳатмӣ**

Таҳти бақайдгирии давлатии дактилоскопии ҳатмӣ шахсоне қарор мегиранд, ки:

*– дар содир намудани ҷиноят гумонбар шудаанд, ба ҳабс гирифта шудаанд, айбдор ва маҳкум карда шудаанд, инчунин шахсоне, ки ҳангоми содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури садам роҳи муайян кардани шахсият мегарданд;*

– ба хизмати ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба кор дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва ё воҳидҳои сохтории онҳо, ки фаъолияти кориашон ба ҳаёти кормандон хатари калон дорад ё бо *низоми* махсуси махфӣ алоқаманд аст, бо номгӯи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда қабул карда мешаванд; **(ҚҶТ аз 27.11.14с., №1143)**

– ба мақомоти корҳои дохилии ҷои истиқоматашон барои гирифтани иҷозатномаи истифодабарии *силоҳи* оташфишон мурочиат мекунанд; **(ҚҶТ аз 27.11.14с., №1143)**

*– бо сабаби вазъи саломатӣ ва ё синну сол дар бораи шахсияти худ маълумот дода наметавонанд;*

*– дар ҳудуди минтақаҳои фавқулоддаи хавфноки дорой хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ истиқомат менамоянд;*

*– шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз қудуди Ҷумқурии Тоҷикистон бароварда мешаванд.*

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷустуҷӯи паннохгоҳ меоянд, таҳти бақайдгирии давлатии дактилоскопии ҳатмӣ қарор мегиранд.

*Тахти бакайдгирли давлатии дактилоскопии ҳатмӣ инчунин ҷасадҳои шахсияташон номаълум қарор мегиранд.* **(ҚҶТ аз 29.12.10с., №647)**

**Моддаи 7. Тартиби гузаронидани бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ**

Бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ дар мақомоти дахлдори корҳои дохилӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**Моддаи 8. Нигоҳдорӣ, такмилдиҳӣ, танзим ва нобуд кардани маводи дорои маълумоти бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ**

Нигоҳдорӣ, такмилдиҳӣ, танзим ва нобуд кардани маводи дорои маълумоти бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ дар Маркази бақайдгирии давлатии дактилоскопии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиби муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

***Моддаи 8[1]. Маблағгузории фаъолияти бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ***

*Маблағгузорни фаъолияти бақайдгприи давлатии дактилоскопӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлати, инчунин аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.* **(ҚҶТ аз 29.12.10с., №647)**

***Моддаи 9. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур***

*Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.*
**(ҚҶТ аз 27.11.14с., №1143)**

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов**

ш. Душанбе, 3 сентябри соли 1999
№ 830